# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки бар асари бархурди унсурҳои фарҳангӣ, муҷодалаи падидаҳои мухталиф ва таъсири афзуни онҳо тафаккури маънавию ахлоқии инсоният низ коҳиш меёбад, ниёзмандии бештар барои ҷустуҷӯи роҳу равишҳои такмили низоми ахлоқи инсонӣ ва ташаккули хислатҳои ҳамида дар вуҷуди наслҳо ба вуҷуд меояд. Илми педагогикаи муосир аз муассиртарин равишро дар шароити кунунӣ истифодаи мероси маънавии бузургони адабиёти гузаштаву имрӯзаи мо дар раванди тарбияи насли наврас муқаррар намудааст, ки ҳамакнун як самти муҳими пажӯҳишҳои илмҳои педагогиро низ ба вуҷуд овардаанд.

Аз фишурдаи рисолаи номзадии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) маълум мегардад, ки муаллиф бо мақсади пешниҳоди равишҳои муассир ва матлуби корбурди осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии форсу тоҷик, дар мисоли осори гаронарзиши Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ ҷараёни ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва ҳифзу ҳимояти худшиносиву хештаншиносиро мақсад гузоштааст, ки таҳқиқу баррасӣ намояд. Аз масъалагузорӣ, муайян намудани муаммо ва ихтилофоти мавзуъ, хулоса ва натиҷаҳои назариявию амалӣ-озмоишӣ ва пешниҳод намудани нуктаҳои мабсут ба ҳимоя ошкор мегардад, ки муаллиф ба мақсади пеш гузоштаи худ расидааст.

Рисолаи аз мавзӯъҳои мубрам ва актуалии замон ба шумор меравад, зеро он такя бар сарчашмаҳои асилӣ адабӣ-таърихӣ ва санадҳои ҳуқуқи-меъёрӣ, қонун, барнома ва стратегияҳои давлатӣ таълиф шуда,

татбиққунандаи нуктаҳои асосии тарбиявӣ-педагогии ин садаҳо ба шумор меравад. Чунончӣ рисоланавис дар партави суханон ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори хкешро оғоз карда, тамоми осори гаронбаҳои аз ниёгон то ба имрӯз расидаро ҳамчун мактаби бузурги таълиму тарбия дониста, мавзӯъро аз ин нигоҳ, яъне ҳамчун масъалаи доғи рӯз, яъне таъсири ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои миллӣ – оилаву оиладорӣ ва роҳҳои рушду такомули арзишу аҳамияти ин ниҳоди инсониро ба силки таҳқиқ кашидааст.

Равшан аст, ки рисолаи илмӣ аз муқаддимаи муфассал ва бозгӯи ҳамаи бурду бохтҳои таҳқиқот, ду боби фарогири шаш фасли пурмуҳтаво, хулосаву натиҷаҳои собитшуда ва рӯйхати адабиёти судманду замимаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ таркиб ёфтааст.

Дарвоқеъ, муаллиф асарҳое, ки аз Муҳаммад Ғаззолӣ ва Унсурул-маолии Кайковус интихоб намудааст, аз машҳуртарин, муътабартарин ва муътамадтарин осори адабиёти классикии тоҷику форс ба шумор меравад. Китоби «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғаззолӣ худ яке аз дурдонаҳои адабиёти Шарқ ва «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус аз муҳимтарин ва боарзиштарин асарҳои тариявӣ, панду ахлоқии адабиёти мо маҳсуб меёбад. Зеро ин ду асар ҳамчун пурарзиштарин асарҳои тарбиявию ахлоқӣ ба забонҳои машҳури дунё, аз ҷумла англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, арабӣ, тоторӣ, ӯзбекӣ ва ғайра борҳо тарҷума шуда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Маҳз паҳлуҳои мухталифи ахлоқии марбут ба оила ва оиладорӣ дар ин асарҳо равшан ва муассир баён шудааст, ки метавон онро ҳамчун асарҳои фундаменталӣ дар ин мавзӯъ шинохт.

Муаллиф тавонистааст, ки зимни таҳқиқ, пеш аз ҳама, мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI-ро ошкор намуда, ҷойгоҳи маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷики асри XI-ро таҳлил ва муайян намояд.

Рисоланавис инчунин роҳу воситаҳои амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷики асри XI-ро дар бунёди оилаҳои солими муосир хуб баррасӣ намуда, технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосирро бо усулҳои муосири таҳқиқот, аз ҷумла методҳои таҳлил ва арзёбии педагогӣ, муқоисавӣ ва бонизом; сотсиологӣ – пурсиш (шифоҳӣ ва хаттӣ), мусоҳиба, тест, озмоиши педагогӣ (муқарраркунанда, тавсифӣ ва ташаккулдиҳанда), коркард, ҷамъбаст ва натиҷагирӣ таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ намудааст.

Дар маҷмӯъ, метавон чунин хулоса намуд, ки унвонҷӯ нисбат ба мавзӯи таҳқиқшаванда муносибати ҷиддӣ ва таваҷҷуҳи мӯйшикофона намудааст, маҳз ҳамин принсип ба ӯ имкон додааст, диссертатсия ва фишурдаи он дар меҳвари талабот ва меъёрҳои тасдиқгардида, мувофиқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳия гардад. Илова бар ин, автореферат нуктаҳо ва матолиби асосии диссертатсия фаро гирифта, бо сабки илмӣ хуб таълиф шудааст. Муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои филология, мудири
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
факултети забонҳои шарқ Очилова М.

*Маълумот барои тамос:*
*МДТ-и "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"*
*735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.*
*Тел.: (+992) 929000095; Email. mehrinisso_1984@mail.ru*

***Имзои М.Очиловаро тасдиқ мекунам.***

Сардори РК ва КМ Муассисаи давлатии
Таълимии "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров **Наврузов Э.**